

UNIVERSITY OF CENTRAL ASIA

# BIRTH OF A DEVELOPMENT UNIVERSITY

# БУНЁДИ ДОНИШГОҲИ РУШД

UNIVERSITY OF CENTRAL ASIA

ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

His Highness the Aga Khan, Chancellor of UCA signing the UCA Treaty and Charter with the Presidents of Tajikistan, Kyrgyzstan and Kazakhstan in July 2000.

Волоҳазрат Оғохон ҳангоми имзо кардани Шартнома ва Оинномаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон моҳи июли соли 2000-ум



*President Emomali Rahmon of Tajikistan*

*Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*



*President Askar Akayev of the Kyrgyz Republic*

*Аскар Акаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон*



*President Nursultan Nazarbayev of Kazakhstan*

*Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон*



*Students enjoying the outdoor landscaping, UCA Khorog Campus*

# BIRTH OF A DEVELOPMENT UNIVERSITY

Innovative business leaders, responsive governments, competent public servants, an engaged civil society: these are the building blocks of resilient societies. All depend on strong educational institutions.

As an environment for higher learning, the imposing mountain terrain of Central Asia presents a unique vantage point for the region. Endowed with abundant natural resources and a varied and rich cultural heritage, Central Asia has significant assets. Yet achieving economic growth in a more globally connected era requires skilled and educated citizens, able to build a brighter future while preserving the past and protecting the environment.

The University of Central Asia (UCA) is a world class centre for knowledge and learning, connecting isolated rural communities with the global community and building the human capital needed for modern economies and stable governance.

UCA was founded in 2000 as a private, not for profit, secular university through an International Treaty signed by the Presidents of Tajikistan, Kyrgyzstan and Kazakhstan, and His Highness the Aga Khan; ratified by their respective parliaments, and registered with the United Nations. The Presidents are the Patrons of the University and His Highness is the Chancellor. UCA's mission is to promote the social and economic development of Central Asia, particularly its mountain communities, by offering an internationally recognised standard of higher education, and enabling the peoples of the region to preserve their rich cultural heritage as assets for the future.

# БУНЁДИ ДОНИШГОҲИ РУШД

Роҳбарони тиҷории навовар, ҳукуматҳои бомасъулият, ходимони давлатии босалоҳият ва ҷомеаи шаҳрвандии фаъол унсурҳои сохтории ҷомеаи устувор мебошанд. Ҳамаи онҳо аз мавҷудияти муассисаҳои таҳсилотии неруманд вобастагӣ доранд.

Минтақаи кӯҳистони Осиёи Марказӣ барои таҳсилоти олӣ мавқеи мусоид ва беҳамтоеро ба сифати муҳит пешкаш менамояд. Осиёи Марказӣ бо захираҳои фаровони табиӣ ва мероси рангорангу ғании фарҳангии худ дорои сарватҳои назаррас мебошад. Аммо барои ноил гаштан ба рушди иқтисодӣ дар асри ҳамбастагии саросарии ҷаҳонӣ ба шаҳрвандони бомаҳорат ва соҳибмаълумот ниёз дорад, ки онҳо дорои қобилияти барпо намудани ояндаи дурахшонтар ва ҳамзамон ҳифз намудани мероси гузаштагон ва муҳити зист бошанд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ДОМ) маркази сатҳи ҷаҳонии донишу омӯзиш буда, ҷомеаҳои дурдасти деҳотро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ пайванд менамояд ва сармояи инсониро созмон медиҳад, ки барои иқтисоди муосир ва идоракунии устувор зарур аст.

ДОМ соли 2000-ум ҳамчун донишгоҳи хусусии ғайритиҷории дунявӣ тибқи созишномаи байналмилалие, ки президентҳои кишварҳои Қирғизистону Қазоқистон ва Аълоҳазрат Оғохон ба имзо расониданд, таъсис дода шудааст. Созишнома аз ҷониби парлумонҳои кишварҳои дахлдор тасдиқ карда шуда, дар Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта шудааст. Президентҳо сарпарастони донишгоҳ буда, Аълоҳазрат Оғохон канслери он мебошад. Рисолати ДОМ рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Марказӣ, хусусан ҷомеаҳои кӯҳистони он тавассути пешниҳоди стандарти



*Students congregating after class, UCA Khorog Campus*

UCA is distinguished by its three schools, including the Undergraduate School of Arts and Sciences, the Graduate School of Development (Institute of Public Policy and Administration, Mountain Societies Research Institute, Cultural Heritage and Humanities Unit), and the School of Professional and Continuing Education. UCA also includes the Central Asian Faculty Development Programme, and the Aga Khan Humanities Project.

In response to the needs of rural mountain communities, UCA has established its three Campuses away from major urban centres, in Naryn (Kyrgyzstan), Khorog (Tajikistan), and Tekeli, (Kazakhstan). They are on the historic Silk Road, and UCA hopes to be at the heart of economic and intellectual transformation taking place in the region. As a University, it is uniquely positioned to bring together emerging leaders in business, civil society, and public service, and also brings with it the broader commitment and partnership of the Aga Khan Development Network.

**UCA's undergraduate School of Arts and Sciences** (SAS) began classes in 2016 in Naryn, Kyrgyzstan. SAS offers a five-year undergraduate programme that cultivates the knowledge and skills students need to integrate different approaches to solve problems and create innovations in professional life and public service. The construction of the Khorog Campus was completed in 2017, and the Tekeli Campus is expected to be operational by 2022.

Students admitted to UCA have a demonstrated record of academic achievements. They are winners of academic competitions, presidents of student government, passionate advocates for the disadvantaged, talented artists and musicians, award-winning athletes, and enthusiastic volunteers who lend a hand in their communities. While many students joining UCA come from urban centres, 67% are from secondary cities and small villages.

байналмилалии эътирофшудаи таҳсилоти олӣ ва инчунин барои халқҳои минтақа фароҳам овардани имконоти ҳифзи мероси ғании фарҳангии худ ба ҳайси дороии оянда мебошад.

ДОМ бо се мактаби худ фарқ мекунад, аз ҷумла Мактаби илмҳои гуманитарӣ ва дақиқ, Мактаби таҳсилоти баъдидипломии рушд (Донишкадаи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ, Донишкадаи таҳқиқотии ҷомеаҳои кӯҳистон, Бахши мероси фарҳангӣ ва илмҳои гуманитарӣ) ва Мактаби таҳсилоти касбӣ ва давомдор. Ғайр аз он, ба ҳайати ДОМ Барномаи омодасозии омӯзгорон дар Осиёи Марказӣ ва Лоиҳаи инсоншиносии Оғохон дохил мешаванд.

Дар посух ба эҳтиёҷоти ҷомеаҳои деҳоти кӯҳистон, ДОМ се шаҳраки донишҷӯёни худро дур аз шаҳрҳои азим, дар Норин (Қирғизистон), Хоруғ (Тоҷикистон) ва Текели (Қазоқистон) таъсис дод. Онҳо дар Роҳи Абрешими таърихӣ ҷойгиранд ва ДОМ ният дорад, ки дар маркази таҳаввулоти иқтисодиву ақлоние, ки дар минтақа идома дорад, қарор дошта бошад. Ҳамчун донишкада, он дорои мавқеи беназир оиди ба ҳам овардани пешсафон дар риштаҳои тиҷорат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хизмати давлатӣ буда, дар баробари ин, бо ҳузури худ уҳдадориҳо ва ҳамкориҳои васеъро аз ҷониби Шабакаи Оғохон оид ба рушд таҳрик медиҳад.

**Мактаби илмҳои гуманитарӣ ва дақиқи ДОМ** (МИГД) фаъолияти худро соли 2016 дар шаҳри Норини Қирғизистон оғоз намуд. МИГД барномаи панҷсолаи бакалавриатро пешниҳод менамояд, ки ба донишҷӯён донишу малакаҳоеро таълим медиҳад, ки дар оянда ба онҳо барои татбиқ намудани равишҳои мухталиф ба ҳалли масъалаҳо ва ҷорӣ намудани ғояҳои навоварона дар арсаи касбӣ ва хизмати давлатӣ кӯмак хоҳад расонд. Сохтмони Шаҳраки донишҷӯёни Хоруғ соли 2017 анҷом ёфт ва ҳамзамон ба фаъолият шурӯъ намудани шаҳраки донишҷӯёни Текели то соли 2022 ба нақша гирифта шудааст.

Донишҷӯёне, ки ба ДОМ дохил мешаванд, дорои дастовардҳои таҳсилотии қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Онҳо ғолибони озмунҳои фаннӣ, сарварони ҳукуматҳои донишҷӯён, ҳомиёни босуботи маҳрумон, рассомону



*The Library - a place to relax and study, UCA Khorog Campus*

**The Graduate School of Development** (GSD) consists of UCA's Institute of Public Policy and Administration, Mountain Societies Research Institute, and Cultural Heritage and Humanities Unit. Over 100 publications have been produced through the GSD since 2011, and are available for free download from UCA's website. GSD aims to generate knowledge through research that has practical application to mountain communities. The School is multi-dimensional, interdisciplinary, and is designed primarily as a professional graduate school.

**The Institute of Public Policy and Administration** (IPPA) was established in 2011 to strengthen public policy in Central Asia. It provides in-depth analysis on current and emerging policy issues facing the region, and improves the analytical capacity of governments and civil society to use evidence-based research in the decision-making processes.

**The Mountain Societies Research Institute** (MSRI) conducts trans-disciplinary research to help inform and contribute to the Sustainable Mountain Development agenda in Central Asia. Its research includes themes such as natural resource management, land systems and livelihoods, disaster risk reduction, biodiversity conservation, climate change, and achieving Sustainable Development Goals.

**The Cultural Heritage and Humanities Unit** (CHHU) was launched in 2013 to generate new dialogues on Central Asian heritage and identity. It preserves rich and diverse cultural heritage through research, documenting, archiving, and supporting work of regional scholars through the UCA Cultural Heritage Book Series.

Launched in 2006, UCA's School of Professional and Continuing Education (SPCE) provides post-secondary and continuing education, giving young people and adults professional and vocational qualifications in a flexible learning format that improves employment and income generating opportunities. The School has trained more than 120,000 participants across 60 programmes and courses at 12 learning centres throughout Tajikistan, Kyrgyzstan, Kazakhstan and Afghanistan.

санъаткорони боистеъдод, варзишгарони соҳибҷоиза ва ихтиёриёни ташаббускор мебошанд, ки ба ҷомеаҳои худ дасти ёрӣ дароз мекунанд. Гарчанде ки бештари донишҷӯёни ДОМ аз марказҳои шаҳрӣ бошанд ҳам, 67%-и онҳоро сокинони шаҳраку деҳаҳои хурд ташкил медиҳанд.

**Мактаби таҳсилоти баъдидипломии рушд** (МБР) аз Донишкадаи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ, Донишкадаи таҳқиқотии ҷомеаҳои кӯҳсор ва Бахши мероси фарҳангӣ ва илмҳои гуманитарӣ иборат аст. Аз соли 2011 инҷониб, тавассути МБР зиёда аз 100 мақолаву матолиб таҳия шудаанд, ки барои боргирии ройгон дар сомонаи ДОМ дастрас мебошанд. МБР мақсад дорад, ки донишҳоро тавассути таҳқиқоте, ки дорои аҳамияти корбурди амалӣ барои ҷомеаҳои кӯҳсор мебошанд, ташаккул диҳад. Мактаб бисёрсоҳа ва байнифаннӣ буда, пеш аз ҳама, ҳамчун магистратураи касбӣ пешбинӣ шудааст.

**Донишкадаи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ** (ДСДИ) соли 2011 бо мақсади мустаҳкам намудани сиёсати давлатӣ дар Осиёи Марказӣ таъсис дода шудааст. Он таҳлили амиқи масъалаҳои сиёсати ҷорӣ ва дарпешистодаро дар минтақа пешниҳод менамояд ва зарфияти таҳлилии давлатҳо ва ҷомеаи шаҳрвандиро аз ҷиҳати истифодаи таҳқиқоти илман асоснок дар раванди қабули қарорҳо беҳтар месозад.

**Донишкадаи таҳқиқотии ҷомеаҳои кӯҳсор** (ДТҶК) таҳқиқоти байнифанниеро анҷом медиҳад, ки барои фароҳам овардани маълумот ва саҳм гузоштан ба рӯзномаи рушди ҷомеаҳои кӯҳсор дар Осиёи Марказӣ мусоидат менамоянд. Таҳқиқоти он мавзӯъҳоеро, аз қабили идоракунии сарватҳои табиӣ, низомҳои истифодаи замин ва дарёфти воситаҳои зиндагӣ, коҳишдиҳии хавфи офатҳо, ҳифзи гуногунии биологӣ, тағйирёбии иқлим ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор дарбар мегирад.

**Бахши мероси фарҳангӣ ва илмҳои гуманитарӣ** (БМФИГ) соли 2013 бо мақсади ба вуҷуд овардани муколамаҳои нав оид ба мерос ва ҳуввияти халқҳои Осиёи Марказӣ ифтитоҳ ёфт. Он мероси ғанӣ ва рангоранги таърихиро тавассути таҳқиқот, сабти ҳуҷҷатӣ, бойгоникунӣ ва дастгирии



Classrooms are designed for flexible study space, UCA Khorog Campus

UCA's **Aga Khan Humanities Project** (AKHP) was founded in 1997 by the Aga Khan Trust for Culture and joined UCA in 2007. It fosters critical thinking and academic writing skills through an integrated humanities curriculum. AKHP develops and delivers resources, public lectures, training and courses within a multi-disciplinary framework. To date, it has graduated over 170,000 learners (2005-2018).

Through its **Central Asian Faculty Development Programme** (CAFDP), UCA has partnered with international affiliate universities to provide opportunities for prospective faculty members to engage in advanced study and research abroad. UCA aims to fill at least 50 percent of its faculty positions with highly qualified Central Asian nationals with international experience and recognised credentials. The programme provides partial funding to outstanding PhD candidates in disciplines that are academic priorities for the University.

**Economic Impact and Building University Towns**

Economic development is at the heart of UCA's construction strategy, which strengthens existing enterprises and promotes the establishment of new ones. In the first phase of campus construction, UCA operations created more than 1,400 jobs in Tajikistan and Kyrgyzstan, with 80% (Naryn) to 95% (Khorog) being local residents. The University also created over 200 permanent new faculty and staff jobs in Naryn and Khorog, where over 80% are filled by Central Asians.

When all phases of construction are completed, UCA will have generated more than 350,000 days of employment for construction works, secondary employment on and off-campus, with a projected economic benefit of over US$750 million.

In addition to offering students an international standard of university experience and facilities, UCA is partnering within its town development project framework with local government and Aga Khan Development

кори олимони минтақа тавассути ташаббуси ДОМ "Силсилаи китобҳо оид ба мероси фарҳангӣ" ҳифз менамояд.

**Мактаби таҳсилоти касбӣ ва бардавом** (МТКБ), ки соли 2006 ба фаъолият оғоз намудааст, таҳсилоти олӣ ва бардавомро пешниҳод менамояд. Ин мактаб ба ҷавонон ва калонсолон дар як шакли омӯзиши тағйирпазир, ки ба имконоти беҳтари шуғл ва дарёфти даромад мусоидат менамояд, тахассуси касбӣ ва техникӣ медиҳад. Мактаб дар доираи 60 барномаву курсҳо дар 12 маркази омӯзишӣ дар саросари қаламрави Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Афғонистон зиёда аз 120 ҳазор нафар иштирокчиёнро ба омӯзиш фаро гирифтааст.

**Барномаи Инсоншиносии Оғохон** (ЛИО) ДОМ соли 1997 аз ҷониби Бунёди Фарҳанги Оғохон таъсис дода шуда, соли 2007 ба ДОМ пайваст гардидааст. Он тавассути барномаи маҷмӯии гуманитарӣ ба ташаккули фикрронии интиқодӣ ва малакаҳои иншои илмӣ мусоидат менамояд. БИО дар чаҳорчӯбаи байнифаннӣ захираҳо, маърӯзаҳои оммавӣ, омӯзишҳо ва курсҳоро таҳия ва баргузор менамояд. Онро то ба имрӯз зиёда аз 170 000 толибилмон хатм кардаанд (2005-2018).

**Барномаи омодасозии омӯзгорон дар Осиёи Марказӣ** (БОООМ) бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил ва таҳқиқоти пешрафта дар хориҷа барои омӯзгорони ояндадор бо донишкадаҳои шарики байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд. ДОМ ният дорад, ки ҳадди ақал 50 фоизи ҳайати омӯзгорону профессоронро аз ҳисоби шаҳрвандони баландихтисоси Осиёи Марказӣ, ки дорои таҷриба ва унвонҳои эътирофшудаи байналмилалӣ мебошанд, пур кунад. Барнома таҳсилоти номзадҳои PhD-ро дар фанҳои дорои афзалияти академӣ барои Донишгоҳ қисман маблағгузорӣ мекунад.

**Таъсири иқтисодӣ ва сохтмони шаҳраки донишгоҳ**

Рушди иқтисодӣ маҳаки марказии стратегияи сохтмонии ДОМ мебошад, ки корхонаҳои мавҷударо мустаҳкам менамояд ва ба таъсиси корхонаҳои нав мусоидат мекунад. Дар марҳилаи якуми сохтмони шаҳракҳои донишҷӯён, ДОМ бо фаъолияти худ дар Тоҷикистон ва Қирғизистон зиёда аз 1400 ҷойи кориро созмон дод, ки аз 80% (Норин) то 95%





*A study group, UCA Khorog Campus*

Network (AKDN) agencies. Together they are developing the host mountain towns into vibrant university communities, while boosting local economies. This framework includes AKDN initiatives for social sector development in education and health, hospitality and tourism, enterprise development and rural improvement.

Projects in Naryn include a Medical and Diagnostic Centre, rehabilitation of the Seitaaly Jakypov Park, strengthening infrastructure and connections to the broader region by constructing the three-kilometre Naryn-Baeotovo diversion road, and providing 24-hour water supply and paving the access road to Tosh-Bulak village. UCA is currently working with the Naryn Town Municipality on the Naryn town development master plan. This exercise aims to promote the social and economic development of the town through a concerted, planned approach to ultimately improving the quality of life of its inhabitants and visitors. Specifically, the planning process will help identify opportunities for economic growth, improved infrastructure, and support Government-led efforts to transform Naryn into an economic, touristic, cultural, and intellectual hub.

In Khorog, UCA has paved roads to Dasht village from the main town, a gravel road to Upper Dasht village and an access road from the community of Khitjd. The University also installed streetlights in the area. To extend quality healthcare services to the Khorog community, an Aga Khan Health Service Khorog Medical Centre is also under development. It has also established two kindergartens and a training centre for early childhood educators.

**UCA Khorog Campus**

The University of Central Asia's (UCA) undergraduate campus in Tajikistan is located in Khorog, 2,100 metres above sea level on a site gifted by the Government of the Republic of Tajikistan. UCA's School of Professional and Continuing Education also operates a Town Campus learning centre in Khorog, and has graduated over 37,000 learners in Khorog, and over 66,400 in Tajikistan to date.

(Хоруғ) аз ҷониби сокинони маҳаллӣ ишғол шуда буданд. Инчунин, Донишгоҳ дар Норин ва Хоруғ бештар аз 200 ҷойи кории доимӣ барои ҳайати устодон таъсис дод, ки зиёда аз 80%-и онҳоро сокинони Осиёи Марказӣ ишғол намуданд.

Вақте ки тамоми марҳилаҳои сохтмон ба анҷом мерасанд, ДОМ ба миқдори 350 000 рӯзи корӣ дар корҳои сохтмонӣ, корҳои ёрирасон дар дохили Шаҳраки донишҷӯён ва берун аз он шуғл ба вуҷуд меорад, ки манфиати иқтисодии он ба US$750 миллион доллари ИМА баробар хоҳад буд.

Бар иловаи муҳайё намудани стандарти байналмилалии таҷриба ва имконоти донишгоҳӣ, ДОМ дар доираи лоиҳаи шаҳрсозии худ бо мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва созмонҳои рушди Оғохон (ШРОХ) ҳамкорӣ дорад. Онҳо дар якҷоягӣ шаҳрҳои ҷойгиршавии донишгоҳ дар минтақаҳои кӯҳистонро ба ҷомеаҳои пурҷӯшу хурӯш табдил дода, ҳамзамон иқтисоди маҳаллиро равнақ медиҳанд. Сохтори мазкур ташаббусҳои ШРОХ-ро дар самти рушди бахши иҷтимоӣ дар соҳаи маориф ва тандурустӣ, меҳмоннавозӣ ва саёҳат, рушди корхонаҳо ва беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ дар минтақаҳои деҳот дарбар мегирад.

Лоиҳаҳо дар Норин аз Маркази ташхиси тиббӣ, барқарорсозии Боғи ба номи Сейиталӣ Ҷакупов, мустаҳкамкунии инфрасохтор, пайвастшавӣ бо минтақаи сарҳадӣ тавассути сохтмони роҳи секилометраи Норин-Баетово, таъмини шабонарӯзии об ва мумфарш кардани роҳ то деҳаи Тошбулоқ иборат мебошанд. Дар айни замон, ДОМ бо ҳукумати шаҳри Норин дар самти омода намудани нақшаи генералии рушди шаҳри Норин кор бурда истодааст. Тадбири мазкур ба мусоидати рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳр тавассути бархӯрди мувофиқашуда ва ба нақша гирифташуда нигаронида шудааст, ки ҳадафи ниҳоии он беҳтар сохтани сифати зиндагии сокинону меҳмонони шаҳр мебошад. Аз ҷумла, раванди банақшагирӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳои рушди иқтисодӣ, такмили инфрасохтор муайян карда шаванд ва саъю талоши ҳукумат ҷиҳати ба маркази иқтисодӣ, сайёҳӣ, фарҳангӣ ва зеҳнӣ мубаддал сохтани Норин дастгирӣ карда шаванд.



A Wet Lab, UCA Khorog Campus

Phase I construction of the UCA Khorog campus was completed in 2017, and includes an academic block, laboratory building, student life building, and residences. The Khorog Campus houses a library, classrooms, a computer lab, student common spaces, dining hall, administrative offices and faculty reception, offices and residences. Each UCA campus features secure, modular dormitories, and athletic facilities including a football pitch, tennis courts, and a Sports Bubble that offers indoor athletics year-round. Majors offered at the Khorog Campus include Economics (BA), and Earth and Environmental Science (BSc).

UCA brings the power of education and human ingenuity to the challenges and potentials of mountain communities in Central Asia. Through innovative and relevant research, it is providing access and resources to a growing diversity of learners, and enabling a new generation of graduates to address the needs of the region and drive socio-economic development, while preserving and promoting the rich cultural heritage of Central Asia.

Дар Хоруғ, ДОМ роҳи байни деҳаи Дашт ва шаҳрро мумфарш карда, то деҳаи Дашти Боло роҳи сангфарш ва то деҳаи Хитҷ роҳи дастрасии бепӯшиш сохт. Инчунин Донишгоҳ дар кӯчаҳои минтақа чароғҳо насб кард. Бо мақсади афзун намудани хизматрасониҳои тандурустӣ барои аҳолии Хоруғ, сохтмони Маркази тиббии Хадамоти тандурустии Оғохон дар Хоруғ идома дорад. Инчунин ду боғчаи бачагон ва як маркази таълимӣ барои таҳсилоти томактабӣ таъсис дода шуданд.

**Шаҳраки донишҷӯени ДОМ дар Хоруғ**

Шаҳраки донишҷӯени Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ, дар баландии 2100 метр аз сатҳи баҳр дар майдоне, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст, воқеъ аст. Дар доираи Мактаби таҳсилоти касбӣ ва бардавоми ДОМ инчунин дар Хоруғ маркази омӯзишии Шаҳраки донишҷӯени шаҳрӣ амал мекунад, ки то ба имрӯз онро 37000 нафар шунавандагон аз шаҳри Хоруғ ва 66400 нафар шунавандагон аз тамоми Тоҷикистон хатм намудаанд.

Марҳилаи I сохтмони Шаҳраки донишҷӯёни ДОМ дар Хоруғ соли 2017 ба анҷом расид ва аз биноҳои таълимӣ, бинои озмоишгоҳ, бинои маишӣ барои донишҷӯён ва хобгоҳҳо иборат аст. Шаҳраки донишҷӯёни Хоруғ дорои китобхона, синфхонаҳо, озмоишгоҳи компютерӣ, утоқҳои умумӣ барои донишҷӯён, ошхона, биноҳои маъмурӣ, кафедраҳо, дафтарҳо ва хобгоҳҳо мебошад. Дар ҳар як Шаҳраки донишҷӯёни ДОМ хобгоҳҳои амну қолабӣ ва иншоотҳои варзишӣ, аз ҷумла майдони футбол, майдончаи теннис ва толори варзишӣ мавҷуданд, ки тамоми сол тамринҳо дар дохили биноро пешниҳод мекунад. Ихтисосҳое, ки дар Шаҳраки донишҷӯёни Хоруғ пешниҳод карда мешаванд, Иқтисодиёт (BA) ва Илм дар бораи Замин ва Муҳити зистро (BSc) дарбар мегиранд.

ДОМ нерӯи маърифат ва маҳорати инсониро ба ҳалли мушкилот ва истифодаи имкониятҳои ҷомеаҳои кӯҳсор дар Осиёи Марказӣ равона месозад. Он тавассути таҳқиқоти навоварона ва ҷавобгӯ ба эҳтиёҷоти муосир, барои гуногунии афзояндаи омӯзандагон дастрасию захираҳоро фароҳам меорад. Инчунин ба насли нави хатмкунандагон имкон медиҳад, ки ниёзҳои минтақаро қонеъ гардонида, ба пешбурди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат намояд ва ҳамзамон мероси ғании фарҳангии Осиёи Марказиро ҳифз кунанд.




*Dean Diana Pauna teaching a class, UCA Khorog Campus*



*The Student Life Building has plenty of space to chat and study, UCA Khorog Campus*



Teachers relax in the Faculty Lounge, UCA Khorog Campus



*Student Dormitories are designed for privacy as well as interaction, UCA Khorog Campus*



*The Dining Hall isi a multipurpose venue, UCA Khorog Campus*



*A sports “Bubble“ provides year round sports, UCA Khorog Campus*



Talent night 2017





facebook.com/ucentraslasia

instagram.com/ucentralasia

twitter.com/ucentralasia

youtube.com/ucentralasia

vk.com/ucentralasia

Designed and produced by the Department of Advancement and Public Affairs at the University of Central Asia